**Суратмаҷлиси №40**

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-036
назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз 07 январи соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2022, №90/шд тасдиқгардида, 11 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравинд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи Шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шӯро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ - семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»- и С.Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

**Шунида шуд:**

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи эскпертии Шурои диссертатсионӣ О. Қосимов, аъзои комиссияи экспертӣ Л. И. Джамирова ва С. Қ. Матробиён баромад намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи «Таҳлили сохторӣ - семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»- и С.Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- **Мухторов Зайниддин -** доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар Душанбе

-**Насруддинов Сироҷиддин Моҳадшарифович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** пешниҳод карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 18.03.2023, соати 13:00 таъйин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Турсунов Ф.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ҳасанова Ш. Р.